# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-079 дар назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф «Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)», ки ба ҳимоя барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ пешниҳод шудааст.**

Мавзӯи диссертатсионии **Сафарзода** Ҷумахон Мирзошариф, ки ба таҳқиқи сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ дар Тоҷикистон бахшида шудааст, дар шароити кунунии ҷумҳурӣ мубрам ба ҳисоб меравад. Барои Тоҷикистон дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ таҳкими истиқлолияти иттилоотӣ, ихтиёрдорӣ намудани фазои иттилоотӣ ва мустаҳкам намудани раванди иттилоотонӣ ҳамчун омили самараноки идоракунӣ аҳаммияти муҳим дорад. Бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти стратегӣ ва зарурати сиёсӣ-таърихии ин раванд, гузариш ба марҳилаи сифатан нави ташаккули низоми давлатдорӣ, ки дар он иттилоотонӣ, рақамикунонӣ ва низоми иттилоотӣ ҷойгоҳи калидӣ доранд, на танҳо хоси давраи муосир аст, балки шарти муҳими таъмини рақобатпазирии миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти иттилоотии кишвар ба шумор меравад. Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон талаботи стратегист, ки сиёсати иттилоотӣ дар асоси равишҳои муосири идоракунии электронӣ, механизмҳои таҳкими шаффофият ва таъмини ҳифзи киберамният таҳия гардида, ба василаи таъсирбахши таъмини устувории фазои иттилоотии миллӣ табдил ёфтааст. Аз ин рӯ, дар доираи принсипҳои давлатдории миллӣ ва бо дарназардошти хатарҳои эҳтимолии шабакаҳои ҷаҳонӣ, амалӣ намудани сиёсати иттилоотии фарогир, ки ҳамзамон ҳадафҳои рушди устувор, амнияти иттилоотӣ ва маърифати шаҳрвандиро дар бар гирад, ба унвони яке аз рукнҳои муҳимтарини стратегӣ ва амнияти миллӣ мавқеи хос пайдо менамояд.

Дар ин замина, таҳқиқи масъалаҳои марбут ба сиёсати иттилоотонӣ, механизмҳои татбиқи идоракунии иттилоот ва таъмин намудани амнияти иттилоотии кишвар дорои аҳаммияти стратегии хоса мебошад. Зеро танҳо дар заминаи омӯзиши илмӣ ва таҳлили амиқи равандҳои иттилоотӣ метавон асосҳои методологӣ ва амалии гузариш ба шаклҳои нави идоракунии давлатӣ ва ташкили фазои иттилоотии ҳимояшуда ва устуворро таҳия намуд. Ин раванд на танҳо ба баланд бардоштани сатҳи самаранокии фаъолияти сохторҳои давлатӣ мусоидат мекунад, балки ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва амнияти иттилоотии аҳолиро низ таъмин менамояд.

Этимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаҳои ҳосилшуда, пеш аз ҳама, бо мутобиқати усулҳо ва методологияи таҳқиқот бо ҳадафу вазифаҳои диссертатсия асоснок карда мешаванд. Дар диссертатсияи мазкур миқдори зарурии адабиёти илмии ба мавзуъ дахлдор истифода гардидааст. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот андешаҳо ва хулосаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро ба таври фаровон истифода бурдааст.

Нововарии илмии таҳқиқот аз он иборат мебошад, ки дар диссертатсия моҳият, хусусият ва эволютсияи назарияҳо оид ба сиёсати иттилоотонӣ ба таври илмӣ ва васеъ таҳқиқ шудаанд; сиёсати иттилоотии давлат ва хусусияти бевоситаи он мавриди баррасии ҳаматарафа қарор гирифтаанд; масъалаи баҳампайвастии сиёсати иттилоотӣ ва амнияти иттилоотӣ дар шароити нави дигаргуниҳои ҷомеа таҳлил гардида, самтҳои рушди он нишон дода шудааст; шароити татбиқи сиёсати иттилоотӣ дар раванди идоракунии ҷомеаи Тоҷикистони муайян карда шудааст; самаранокии идоракунӣ ва амалишавии иттилоотикунонӣ дар замони соҳибистиқлолӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст; дурнамои сиёсати иттилоотонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барасӣ шуда, муҳиммияти он барои таҳкими раванди идоракунӣ таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

Дар таҳқиқот нуқтаҳои илмие ба ҳимоя пешниҳод шуданд, ки онҳо дар замони муосир ҳамчун навгонии илмӣ маҳсуб меёбанд.

Саҳми унвонҷӯ дар коркарду корбурди сарчашмаҳои назариявӣ, тартиб додани нақшаи кори илмӣ, услуби таълиф ва масъалагузорию пешниҳодҳо, таҳияи мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо оид ба мавзӯи диссертатсия зоҳир мегардад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Таҳқиқот ба назарияҳои дахлдори илмҳои сиёсӣ асос ёфта, заминаи назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавиро барои таҳқиқи моҳият, хусусият ва эволютсияи назарияҳо оид ба сиёсати иттилоотонӣ ба таври илмӣ ва васеъ фароҳам овардааст Хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии натиҷаҳо бар асоси таҳлили илмию натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ-таҷрибавӣ пешниҳод карда мешаванд. Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуқтаҳои навини илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот бо шиносномаи 6D. КОА – О79 – ихтисоси 5.6.2. Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сиёсӣ), ки

аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 -уми октябри соли 2024, таҳти № 364 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад. Ҳамзамон таҳқиқот ба талаботи Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми ноябри соли 2017, таҳти № 5\2 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 3 мақолаҳои илмии муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маводи конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиботи додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳод намудаи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф маълумоти ғайрисаҳеҳ мавҷуд нест.

Банди 53-и Низомномаи Шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ба роҳбарӣ гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Сафарзода Ҷумахон Мирзошариф "Сиёсати иттилоотӣ ҳамчун омили самаранокии идоракунӣ (таҷрибаи Тоҷикистон)", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯи ихтисоси 5.6.2 - Ниҳодҳо, равандҳо ва технологияи сиёсӣ (илмҳои сисӣ) дар Шӯрои дессертатсионии 6D. КОА – О79 назди Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2) Муқарризони расмӣ аз рӯйи диссертатсия шахсони зерин таъйин карда шаванд:

- доктори илмҳои сиёсӣ, профессори кафедраи муносибатҳои байналмилалӣ ва дипломатияи ДМТ **Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон**
- номзади илмҳои сиёсӣ, дотсенти кафедраи сиёсатшиносии Донишгоҳи давлатии омузгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ **Нуриддин Парвин Раймалихон**

3) Ба ҳайси муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи Абӯабдуллои Рӯдакӣ

4) Нашри эълон оид ба ҳимояи ошкорои диссертатсия дар шурои диссертатсионӣ ва ҷойгир намудани матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаи расмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ ва сомонаи расмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5) Чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва паҳн намудани он ба суроғаҳои дахлдор иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои сотсиологӣ, профессор,
узви вобастаи АМИТ Шоисматуллоев Ш.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои сиёсӣ, профессор Қурбонова З.М.

доктори илмҳои сиёсӣ, дотсент Шарифзода Л.Ш.